Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-014 – и назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон (734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14)

**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи Оев Анис Давлатович дар мавзуи «Такмили низоми идоракунии хавфҳои қарзӣ дар ташкилотҳои қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз**

Устувории молиявии низоми бонкӣ шарти зарурии самаранокии фаъолият ва таъмини рушди низоми иқтисодӣ мебошад. Масъалаи идоракуни хавфҳои бонкӣ яке аз масъалаҳои мубрам барои аксарияти бонкҳо ба шумор меравад. Мушоҳида мешавад, ки солҳои охир мукаммал гардидани фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ зарурати бунёди низоми таҳлил, баҳодиҳӣ, назорат ва идоракунии хавфҳои бонкиро ба миён овардааст.

Бонкҳои тиҷоратӣ дар рафти фаъолияти худ бо намудҳои гуногуни хавфҳо рӯ ба рӯ мегарданд. Хавф ин имконияти дуршавии тавсифоти вазъи иқтисодии объект аз бузургиҳои интизоршаванда, ҳам аз ҷиҳати мусбӣ ва ҳам аз ҷиҳати манфӣ мебошад. Хавфҳое, ки бонкҳои тиҷоратӣ ба онҳо рӯ ба рӯ мегарданд, метавонанд пурра хавфҳои бонкӣ бошанд, ки мустақиман ба хусусиятҳои хоси фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ алоқаманданд. Хавфи бонкӣ хоси фаъолияти бонкӣ буда, талафотҳои молиявии ташкилотҳои қарзӣ ва вайроншавии бозоргириро дар натиҷаи сар задани рӯйдодҳои номусоиде, ки бо омилҳои дохилӣ ва ё берунӣ алоқаманданд, ба миён меоранд. Дар таркиби хавфҳои молиявӣ, қарзӣ, фоизӣ ва асъорӣ аз ҳама бештар дар фаъолияти низоми бонкии ҷумҳурӣ хавфҳои қарзӣ ташвишовар мебошанд. Илова бар ин, ҳар як бонк сифати идоракунии хавфи қарзиро вобаста ба дастурамалҳои Бонки миллии Тоҷикистон арзёбӣ менамоянд.

Дар ҳама гуна бонк таҳлил ва арзёбии сандуқи қарзӣ гузаронида мешавад, ки ба идоракунандагони бонк имкон фароҳам меорад, то амалиётҳои қарзии бонкро мустақиман идора намоянд. Хавфҳои қарзӣ дар бонкҳои тиҷоратӣ бештар бо сабаби аз тарафи қарздор сари вақт иҷро ва ё пурра иҷро нашудани уҳдадориҳои молиявӣ тибқи қарзи гирифташуда, аз ҷумла қарзҳои байнибонкӣ (депозитҳо, вомбаргҳо), ҷойгиркунии дигар воситаҳо, аз қабили бозпас гирифтани коғазҳои қиматноки қарзӣ, саҳмияҳо, векселҳои аз рӯйи шартнома пешниҳодшуда, аз рӯйи векселҳои қарзии аз тарафи корхона ба ҳисоб гирифташуда, воситаҳои пулии аз тарафи корхонаи қарзӣ додашуда баргардонда нашудаанд, ба амал меоянд.

Мушкилоти ҷойдошта, зарурати омӯзиш ва таҳқиқи хавфҳои қарзиро ҳамчун ҷузъи ҷудонашавандаи идоракунии бонкҳо ва таъмини самаранокии фаъолияти онҳо дар шароити муосир талаб менамояд.

Ҳамаи тафсилот ва далелҳои дар боло зикршуда мувофиқати мавзуи интихобкардаи диссертатсияро муайян намуда, мубрамӣ, рӯзмаррагӣ, аҳамияти амалӣ ва арзиши илмӣ доштани онро тасдиқ менамояд.

Муаллиф дуруст қайд менамояд, ки аҳамияти таснифоти хавфҳои қарзӣ ва шинохти омилҳои ба он таъсиррасон имконияти ба таври самаранок бароҳмонии таҳлил, баҳодиҳӣ ва раванди идоракунии хавфҳои қарзиро фароҳам меорад. Дар ин замина, донистан ва таҳлили омилҳое, ки ба раванди идоракунии хавфҳои қарзӣ таъсир мерасонанд, қобили қабул дониста шудааст.

Дар автореферати тақризшаванда дар баробари ҷанбаҳои мусбӣ, баъзе камбудиҳо низ ҷой доранд:

1. Муаллиф вобаста ба шарҳи мафҳуми хавф аз назарияи мактабҳои илмӣ ёдовар гардидааст, аммо хуб мешуд, агар дар автореферат онро дар шакли ҷадвали таҳлилӣ пешниҳод мекард.

2. Ҷиҳати такмили низоми идоракунии хавфҳои қарзӣ таҷрибаи як қатор кишварҳо таҳқиқ гардидааст. Аз ин рӯ, ба манфиати таҳқиқот мебуд, агар муаллиф таҷрибаи мавҷударо дар автореферат васеътар шарҳ медод.

Эродҳои зикргардида моҳияти назариявӣ ва амалии диссертатсияи мазкурро кам намекунад ва онҳо хусусияти тавсиявӣ доранд.

Сохтори автореферат ва интишороти довталаб пурра ба талаботи мавҷуда ҷавобгӯ мебошанд. Мазмуни автореферат шаҳодат медиҳад, ки диссертатсия таҳқиқоти ҷиддии илмӣ буда, мустақилияти муаллифро дар пажӯҳишу ҳалли муаммоҳои илмии мавзуи интихобшуда нишон медиҳад.

Дар маҷмуъ, аз омӯзиш ва таҳлили автореферати мазкур бармеояд, ки кори диссертатсионии Оев Анис Давлатович дар мавзуи мубрам иҷро карда шуда, ба талаботи муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки нисбати диссертатсияҳои номзадӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз муайян гардидааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси нишондодашуда сазовор мебошад.

Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори
кафедраи таҳлили иқтисодӣ ва омори
Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон
ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур Самандарзода И.Ҳ.

Суроғаи донишгоҳ: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 146. Тел.+992935014316. E.mail: iskandar-s@mail.ru

Имзои д.и.и., профессор Самандарзода И.Ҳ. – ро тасдиқ менамоям:

Сардори шуъбаи таъминоти ҳуқуқӣ
ва кадрҳо Абдуҳалимзода Н.А.